# БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

# Нақшаи стратегии солимгардонии фаъолияти Бонки миллии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2019

Душанбе 2015

# ҚАРОРИ
## РАЁСАТИ БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

аз 29 майи соли 2018 № 75 ш. Душанбе

**Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Нақшаи стратегии солимгардонии фаъолияти Бонки миллии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2019**

Мутобиқи моддаи 77Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон", Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон

қарор мекунад:

1. Ба Нақшаи стратегии солимгардонии фаъолияти Бонки миллии Тоҷикистон, ки бо қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 31 июли соли 2015 №152 тасдиқ шудааст, тағйиру иловаҳо ворид карда шаванд (замима мегардад).

2. Гурӯҳи корӣ оид ба ислоҳоти низоми бонкӣ, ки бо Фармони Раиси Бонки миллии Тоҷикистон аз 24 майи соли 2017, №110/фф ташкил шудааст, ҷиҳати татбиқ ва иҷрои Нақшаи стратегии мазкур дар муҳлатҳои муқарраршуда тадбирҳои зарурӣ андешанд.

3. Назорати иҷрои ҳамин қарор ба зиммаи Раиси Бонки миллии То́ҷикистон Ҷ. Нурмаҳмадзода вогузор карда шавад.

Раиси Раёсат Ҷ. Нурмаҳмадзода

# ҚАРОРИ
## РАЁСАТИ БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

аз «25» май соли 2016 №71 ш. Душанбе

**Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Нақшаи стратегии солимгардонии Бонки миллии Тоҷикистон**

Мутобиқи моддаи 77 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон", Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон

**қарор мекунад:**

1.Ба Нақшаи стратегии солимгардонии Бонки миллии Тоҷикистон, ки бо қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 31 июли соли 2015, №152 тасдиқ шудааст, тағйиру иловаҳо ворид карда шаванд (замима мегардад).

2.Дар сархати дуюми банди 2-и қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 31 июли соли 2015, №152 "Дар бораи тасдиқи Нақшаи стратегии солимгардонии Бонки миллии Тоҷикистон", калимаи "роҳбарияти" ба калимаи "Раёсати"иваз карда шавад.

3. Назорати иҷрои ҳамин қарор ба зиммаи Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҷ. Нурмаҳмадзода вогузор карда шавад.

**Раиси Раёсат** **Ҷ. Нурмаҳмадзода**

# ҚАРОРИ

## РАЁСАТИ БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

аз "31" июли соли 2015 № 152 ш.Душанбе

**Дар бораи тасдиқи Нақшаи стратегии солимгардонии Бонки миллии Тоҷикистон**

Мутобиқи моддаи 77 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон", бо мақсади солимгардонии фаъолияти молиявӣ ва институтсионалии Бонки миллии Тоҷикистон, инчунин баланд бардоштани самаранокии идоракунии низоми бонкии ҷумҳурӣ, Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон

**қарор мекунад:**

1. Нақшаи стратегии солимгардонии Бонки миллии Тоҷикистон тасдиқ карда шавад (замима мегардад).

2. Сардорони департаментҳо, идораҳо ва шуъбаҳои мустақили Бонки миллии Тоҷикистон:

- ҷиҳати татбиқ ва иҷрои Нақшаи стратегии мазкур дар мӯҳлатҳои муқарраршуда тадбирҳои зарурӣ андешанд;
- оид ба иҷрои чорабиниҳои дар Нақшаи стратегӣ дарҷгардида ба роҳбарияти Бонки миллии Тоҷикистон ҳар семоҳа ҳисоботи мушаххас пешниҳод намоянд.

3. Назорати иҷрои ҳамин қарор ба зиммаи муовини якуми Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Нуралиев Ҷ.К. ва муовинони Раис - Икромов С.С., Латифов У.Б. ва Салимова Л.Ҷ. вогузор карда шавад.

**Раиси Раёсат** **Ҷ. Нурмаҳмадзода**

# БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

## ФАРМОН №110/фхр

"24" майи 2017с., ш. Душанбе

**Оид ба ташкил намудани**
**Гурӯҳи корӣ оид ба ислоҳоти низоми бонкӣ**

Бо мақсади баланд бардоштани самаранокии иҷрои Нақшаи стратегии солимгардонии фаъолияти Бонки миллии Тоҷикистон, ислоҳот дар Бонки миллии Тоҷикистон ва низоми бонкӣ ва бинобар сабаби ба амал омадани тағйирот дар сохтори Бонки миллии Тоҷикистон ва дигар чораҳои таъхирнопазире, ки барои самаранок намудани татбиқи сиёсати пулию қарзӣ ва асъорӣ, фаъолияти назорати бонкӣ, муомилот ва амалиёт дар бозори озод, пешрафти нақшаҳои муосири инфрасохтори технологӣ ва дигар ислоҳотҳо,

**фармон медиҳам:**

1. Гурӯҳи корӣ оид ба ислоҳоти низоми бонкӣ дар ҳайати зерин ташкил карда шавад:
   - Муовини якуми Раиси Бонки миллии Тоҷикистон (Ҷ. Нуралиев - Роҳбари Гурӯҳи корӣ),
   - Мушовири Раиси Бонки миллии Тоҷикистон,
   - Директори Департаменти аудити дохилӣ (Муовини Роҳбари Гурӯҳи корӣ),
   - Директори Департаменти технологияҳои иттилоотӣ,
   - Директори Пажӯҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотӣ,
   - Директори Департаменти мониторинги молиявӣ,
   - Директори Департаменти муомилоти пулӣ ва амалиёти хазинадорӣ,
   - Директори Департаменти сиёсати монетарӣ, тадқиқотӣ ва рушд,
   - Директори Департаменти идораи захираҳои байналмилалӣ ва сиёсати қурби асъор,
   - Директори Департаменти назорати бонкӣ,

- Сардори Идораи кормандон,
- Сардори Идораи суботи молиявӣ,
- Сардори Идораи низоми пардохт,
- Сардори Идораи омор ва тавозуни пардохт,
- Сардори Идораи ҳисобдорӣ,
- Сардори Идораи муносибатҳои байналмилалӣ,
- Сардори Идораи амалиёт дар бозори озод,
- Сардори Идораи корҳо,
- Сардори Идораи ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои низоми бонкӣ,
- Сардори Идораи назорати суғуртавӣ,
- Сардори Шуъбаи ҳуқуқ,
- Сардори Шуъбаи таҳлили хавфҳо,
- Сардори Шуъбаи банақшагирии молиявӣ ва таҳлил,
- Сардори Бахши харид,
- Корманди Шуъбаи таҳия ва назорати барномаҳои иқтисодӣ ва молиявии Идораи суботи молиявӣ (Котиби Гурӯҳи корӣ).

2. Департаменту идораҳо ва шуъбаҳои мустақили дахлдор ҷиҳати татбиқ ва иҷрои Нақшаи стратегии солимгардонии фаъолияти Бонки миллии Тоҷикистон тадбирҳои зарурӣ андешанд.
3. Мавзӯи рӯзнома як рӯз пеш ба роҳбарият ва аъзоёни Гурӯҳи корӣ пешниҳод карда шавад.
4. Бо мақсади баррасии масъалаҳо, ҷаласаҳои корӣ дар як моҳ як маротиба, рӯзи чоршанбе соати 8-00 гузаронида шуда, пайнавишти имзошуда ба маълумоти Роҳбари Гурӯҳи корӣ пешниҳод карда шавад.
5. Ҳангоми дар ҷаласаи гурӯҳи корӣ иштирок карда натавонистани роҳбарони воҳидҳои мустақил, ки дар банди 1 оварда шудаанд, муовинон ва ё намояндагони онҳо метавонанд иштирок кунанд.
6. Ҷамъбасти ҳисоботҳо оид ба рафти иҷроиши Нақшаи старатегии солимгардонии фаъолияти Бонки миллии Тоҷикистон ба Идораи суботи молиявӣ вогузор карда шавад.
7. Назорати иҷрои Фармони мазкур ба зиммаи Муовини якуми Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҷ. Нуралиев вогузор карда шавад.
8. Фармони №123/фф аз 8 июни соли 2016 аз эътибор соқит карда шавад.

**Раис** **Ҷ. Нурмаҳмадзода**

# БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

## ФАРМОН № 123/фф

"08" июни 2016 с., ш. Душанбе

Оид ба ташкил намудани Гурӯҳи корӣ оид ба ислоҳоти низоми бонкӣ

Бо мақсади баланд бардоштани самаранокии иҷрои Нақшаи стратегии солимгардонии фаъолияти Бонки миллии Тоҷикистон, ислоҳот дар Бонки миллии Тоҷикистон ва низоми бонкӣ ва бинобар сабаби ба амал омадани тағйирот дар сохтори Бонки миллии Тоҷикистон ва дигар чораҳои таъхирнопазире, ки барои самаранок намудани татбиқи сиёсати пулию қарзӣ ва асъорӣ, фаъолияти назорати бонкӣ, муомилот ва амалиёт дар бозори озод, пешрафти нақшаҳои муосири инфрасохтори технологӣ ва дигар ислоҳотҳо,

**фармон медиҳам:**

1. Гурӯҳи корӣ оид ба ислоҳоти низоми бонкӣ дар ҳайати зерин ташкил карда шавад:
   - Муовини якуми Раиси Бонки миллии Тоҷикистон (Ҷ. Нуралиев – Роҳбари Гурӯҳи корӣ),
   - Директори Департаменти аудити дохилӣ (Абибуллоев Н. - Муовини Роҳбари Гурӯҳи корӣ),
   - Директори Департаменти технологияи иттилоотӣ (Машрабов Ҳ.),
   - Директори Пажӯҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотӣ ва бозомӯзии кормандон (Ниёзов М.),
   - Директори Департаменти мониторинги молиявӣ (Билолов Ф.),
   - Директори Департаменти муомилоти пулӣ ва амалиёти хазинадорӣ (Ҳаитов А.),
   - Иҷрокунандаи вазифаи Директори Департаменти сиёсати монетарӣ, тадқиқотӣ ва рушд (Асоев М.),
   - Директори Департаменти идораи захираҳои байналмилалӣ ва сиёсати қурби асъор (Лафизов Н.),
   - Муовини Директори Департаменти назорати бонкӣ (Шарипов Н.),
   - Мушовири Бонки миллии Тоҷикистон (Бёме Волфганг),
   - Сардори Идораи кормандон (Гадоев Д.),
   - Сардори Идораи суботи молиявӣ (Маҳмудов И.),
   - Сардори Идораи низоми пардохт (Салоҳиддинов Ш.),

- Сардори Идораи ҳисобдорӣ (Фархудинов Р.),
- Сардори Идораи муносибатҳои байналмилалӣ (Холбобоев А.),
- Сардори Идораи амалиёт дар бозори озод (Дуреева Л.),
- Сардори Идораи корҳо (Иноятов А.)
- Сардори Идораи омор ва тавозуни пардохт (Саломова Г.),
- Сардори Шуъбаи ҳуқуқ (Давлатов Ш.),
- Сардори Шуъбаи таҳлили хавфҳо (Темурҷонов А.),
- Сардори Шуъбаи банақшагирии молиявӣ ва таҳлил (Ибрагимова С.),
- Сармутахассиси Шуъбаи таҳия ва назорати барномаҳои иқтисодӣ ва молиявии Идораи суботи молиявӣ (Ёқубов Зафар – Котиби Гурӯҳи корӣ).

2. Департаменту идораҳо ва шуъбаҳои мустақили дахлдор ҷиҳати татбиқ ва иҷрои Нақшаи стратегии солимгардонии фаъолияти Бонки миллии Тоҷикистон тадбирҳои зарурӣ андешанд.

3. Мавзӯи рӯзнома як рӯз пеш ба роҳбарият ва аъзоёни Гурӯҳи корӣ пешниҳод карда шавад.

4. Бо мақсади баррасии масъалаҳо, ҷаласаҳои корӣ дар як моҳ як маротиба, рӯзи чоршанбе соати 8-00 гузаронида шуда, пайнавишти имзошуда ба маълумоти Роҳбари Гурӯҳи корӣ пешниҳод карда шавад.

5. Ҳангоми дар ҷаласаи гурӯҳи корӣ иштирок карда натавонистани роҳбарони воҳидҳои мустақил, ки дар банди 1 оварда шудаанд, муовинон ва ё намояндагони онҳо метавонанд иштирок кунанд.

6. Ҷамъбасти ҳисоботҳо оид ба рафти иҷроиши Нақшаи стратегии солимгардонии фаъолияти Бонки миллии Тоҷикистон ба Идораи суботи молиявӣ вогузор карда шавад.

7. Назорати иҷрои Фармони мазкур ба зиммаи Муовини якуми Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҷ. Нуралиев вогузор карда шавад.

8. Фармони №198/фф аз 21 сентябри соли 2015 аз эътибор соқит карда шавад.

**Раис** **Ҷ. Нурмаҳмадзода**

**Маълумоти мухтасар оид ба Нақшаи стратегии солимгардонии фаъолияти Бонки миллии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2019**

Бо мақсади солимгардонии фаъолияти молиявӣ ва институтсионалӣ, инчунин баҳри баланд бардоштани самаранокии идоракунии фаъолияти низоми бонкии ҷумҳурӣ "Нақшаи стратегии солимгардонии Бонки миллии Тоҷикистон" таҳия ва бо Қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон №152 аз 31 июли соли 2015 тасдиқ гардид (замима мегардад).

Дар давоми солҳои 2015-2017, бинобар сабаби иҷро гардидани бештаре аз бандҳои чорабиниҳои нақшаи стратегӣ ва гузаронидани як қатор тағйиротҳои сохторӣ дар Дастгоҳи марказии Бонки миллии Тоҷикистон, бо назардошти таклифу пешниҳодҳои воҳидҳои сохторӣ ба Нақшаи стратегии мазкур, бо қарорҳои Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон №71 аз 26 майи соли 2016 ва №75 аз 29 майи соли 2018, ду маротиба тағйиру иловаҳо ворид карда шуданд (шакли ниҳоӣ замима мегардад).

Бояд қайд намуд, ки дар ин давра оид ба рафти иҷрои чорабиниҳои дар Нақшаи стратегӣ дарҷгардида мунтазам ҳисоботҳои семоҳа, нимсола, нуҳмоҳа ва солона ба роҳбарият ва Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон пешниҳод гардида, бо қарорҳои Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон тасдиқ гардиданд.

Нақшаи стратегӣ самтҳои асосии фаъолияти воҳидҳои сохториро ҷиҳати расидан ба ҳадафҳои гузошташуда бо иҷрои чорабиниҳои пешбинигардида аз рӯи қисматҳои механизми татбиқ, натиҷагирӣ, воҳидҳои масъул ва мӯҳлати иҷроиш пурра дар бар мегирад. Дар Нақшаи мазкур ҳама эроду пешниҳодҳои воҳидҳои сохтории дахлдори Бонки миллии Тоҷикистон ба назар гирифта шудаанд.

Нақшаи мазкур барои фаъолияти ояндаи Бонки миллӣ хеле муҳим буда, татбиқи муваффақонаи он ҷиҳати беҳтар гаштани нишондиҳандаҳои асосии молиявии бонки танзимгар ва низоми бонкӣ дар маҷмӯъ мусоидат хоҳад кард.

Маводи мазкур ҳамаи ҷанбаҳои муҳими фаъолияти Бонки миллии Тоҷикистон ва низоми бонкӣ, аз ҷумла мушкилоти институтсионалӣ, идоракунии фаъолияти амалиётӣ, самарабахш намудани сиёсати қурбӣ ва идоракунии амалиёти пассивӣ, танзими сармояи Бонки миллӣ ва ба эътидол овардани нишондиҳандаҳои молиявии он, сиёсати пулию қарзӣ, таҳкими идоракунии хавфҳо, пурзӯр намудани назорати бонкӣ, суботи низоми молиявӣ, амалиёт дар бозори озод, омор ва тавозуни пардохт, рушди инфрасохтори низоми пардохт, фаъолияти аудиторӣ, назорати суғуртавӣ, мониторинги молиявӣ, муносибатҳои байналмилалӣ, ҳуқуқи истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ ва дигар масъалаҳоро дар бар мегирад.

Ҳадафҳои асосии дар Нақшаи стратегии мазкур дарҷгардида аз инҳо иборат мебошанд:

- идоракунӣ ва баланд бардоштани савияи дониши кормандон;
- идоранамоии босамари захираҳои байналмилалӣ ва дигар уҳдадориҳои асъорӣ;
- фоидаовар намудани идоракунии дороиҳо;
- андешидани чораҳои зарурӣ барои баргардонидани қарзҳои мухлатгузашта ва беэътимод;
- таъмини татбиқи самараноки сиёсати пулию қарзӣ;
- иваз намудани низоми амалкунандаи автоматишудаи бонкӣ;
- қонеъ намудани талаботи воқеии иқтисодиёт бо пули нақд;
- саривақт амалӣ намудани ҳисоббаробаркуниҳо;

- ба даст овардани натиҷаи мусбии молиявӣ ва зиёд намудани сармояи бонк;
- таҳия намудани фишангҳои макропруденсиалӣ ва гузаронидани стресс-тестҳо;
- такмили назорати бонкӣ;
- такмили омори бонкӣ ва тавозуни пардохт;
- пурзӯр намудани фаъолияти танзим ва назорати хизматрасониҳои пардохтӣ;
- такмил додани санадҳои меъёрии ҳуқуқии марбут ба аудити дохилӣ;
- мутобиқ намудани қонунгузории ҶТ бо талаботҳои тавсияҳои ФАТФ;
- таҳкими идорасозии хавфҳои молиявӣ дар БМТ;
- тақвияти ҳамкориҳои судманд бо ташкилотҳои молиявии байналмилалӣ ва шарикони рушд;
- ба танзим даровардани фаъолияти ташкилотҳои суғуртавӣ;
- таҳияи санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ марбут ба ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ ва дигар масъалаҳои марбута.

Дар амал татбиқ намудани тадбирҳои дар Нақшаи стратегӣ дарҷшуда, пеш аз ҳама барои дар мухлати кӯтоҳтарин ҳал намудани мушкилоти низоми бонкӣ, ноил гардидан ба сатҳи муътадили нишондиҳандаҳои сиёсати пулию асъорӣ, вазъи устувори молиявии Бонки миллии Тоҷикистон ва умуман низоми бонкии ҷумҳурӣ имконият фароҳам меорад.

Ҳамчунин бояд қайд намуд, ки ҷиҳати иҷроиши мунтазам ва босамари Нақшаи стратегӣ ва бо назардошти манфиатҳои рушди иқтисоди миллӣ вусъат додани ҳамоҳангии сиёсати монетарию фискалӣ, пайваста тақвият додани ҳамкориҳои мутақобилаи Бонки миллии Тоҷикистон бо шарикони рушд, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати молияи Ҷумҳурии

Тоҷикистон, Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар вазорату идораҳои дахлдор ба манфиати кор мебошад.

Ҳадафи ниҳоӣ, ин солимгардонии вазъи молиявӣ ва ба меъёрҳои байналмилалӣ мутобиқ намудани низоми бонкии кишвар, таъмини самарабахшӣ ва ҷолибияти низоми бонкӣ барои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ, татбиқи муваффақонаи сиёсати пулию қарзӣ ва асъорӣ, танзими сармоя ва дороиҳои Бонки миллии Тоҷикистон, рушду таҳкими идоракунии хавфҳо, такмили заминаи меъёрию ҳуқуқӣ ва ғайра маҳсуб меёбад.

“Тасдиқ шудааст"
бо Қарори Раёсати
Бонки миллии Тоҷикистон
№75 аз 29 " 05 "
соли 2018

# Нақшаи стратегии солимгардонии фаъолияти Бонки миллии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2019

| | Номгӯи чорабиниҳо | Ҳолати ҷорӣ | Ҳадаф (Беҳгардонӣ) | Механизми татбиқ | Натиҷагирӣ | Масъулин | Мухлати иҷроиш |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **I. Мушкилоти институтсионалӣ** | | | | | | | |
| 1.1 | Идоракунии фаъолияти кормандон | Ба талаботи меъёрҳои байналмилалӣ ҷавобгӯ набудани сатҳи дониш ва малакаи кории кормандон. | Баланд бардоштани савияи дониши касбии кормандон. | 1. Такмили ихтисоси кормандон<br>2. Ташкил кардани курсҳои омӯзиши забонҳо<br>3. Ҷорӣ намудани механизми бонус барои ҳавасмандкунии фаъолияти кормандон | Баланд бардоштани самаранокии фаъолияти кории кормандон ва дар маҷмуъ воҳидҳои сохторӣ. | Идораи кормандон, Пажуҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотӣ, Департаменти аудити дохилӣ, Шуъбаи банақшагирии молиявӣ ва таҳлил ва дигар Департаменту Идораҳои дахлдор | 2018-2019 |
| 1.2 | Санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ | Баъзе аз муқаррароти санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба талаботи замон ҷавобгӯ нест ва ё бо қонунҳои амалкунанда мухолифат доранд. | Мувофиқгардонии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба талаботҳои меъёрҳои байналмилалӣ. | Таҷдиди назар кардани санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда. | Таҳкими заминаи ҳуқуқӣ ва баланд бардоштани самаранокии фаъолияти низоми бонкӣ. | Департаменту идораҳои дахлдор, Пажуҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотӣ, Шуъбаи ҳуқуқ | 2018-2019 |
| 1.3 | Такмили Қонуни ҶТ “Дар бораи ипотека” ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор | Мушкилиҳо ҷиҳати саривақт ба моликияти ташкилотҳои қарзӣ қабул намудани амволи гарав, ки ба фурӯш нарафтааст. | Имконият пайдо намудани ташкилотҳои қарзӣ ҷиҳати бе монеа ба моликияти худ қабул намудани амволи гарав | 1. Омӯзиши таҷрибаи пешрафтаи ҷаҳонӣ<br>2. Омода намудани лоиҳаи тағйиру иловаҳо ба Қонуни ҶТ “Дар бораи ипотека”.<br>3. Таҳияи мактуб ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати ворид намудани тағйиру иловаҳои дахлдор ба Қонуни ҶТ “Дар бораи ипотека” | Ворид гардидани тағйиру иловаҳо ба Қонуни ҶТ “Дар бораи ипотека” ва аз байн рафтани мушкилиҳои ҷойдошта | Шуъбаи ҳуқуқ, Департаменти назорати бонкӣ, Пажуҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотӣ бо даъват АБТ ва АТХМТ | 2018-2019 |

| | Номгӯи чорабиниҳо | Ҳолати ҷорӣ | Ҳадаф (Беҳгардонӣ) | Механизми татбиқ | Натиҷагирӣ | Масъулин | Муҳлати иҷроиш |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **II. Идоракунии фаъолияти амалиётӣ** | | | | | | | |
| 2.1 | Идоракунии фаъолияти амалиётӣ | Самарабахшии нокифоя дар идоракунии амалиётҳо бо дороиҳо. | Фоидаовар намудани идоракунии дороиҳо. | 1.Таҷдиди назар кардани сохтори дороиҳо ва муайян намудани афзалиятҳо.<br>2.Таҷдиди назар кардани сиёсати ҳисобдории ин амалиётҳо.<br>3.Анҷомдиҳии амалиёти депозитӣ бо филизоти қиматбаҳо.<br>4. Хариди тилло аз истеҳсолкунандагони ватанӣ.<br>5.Таҳияи санадҳои меъёрии ҳуқуқии муқарраркунандаи тартиби анҷомдиҳӣ ва ба расмият даровардани амалиётҳои асъорӣ.<br>6.Пайдо кардани манбаъ ва механизму воситаҳои нави дастрасӣ ба асъори хориҷӣ. | Зиёд намудани даромади бонк аз амалиёт бо дороиҳои бонк. | Департаменти идораи захираҳои байналмилалӣ ва сиёсати қурби асъор, Шуъбаи таҳлили хавфҳо, Шуъбаи банақшагирии молиявӣ ва таҳлил. | 2018-2019 |
| 2.2 | Дороиҳои ғайрифаъол | Зиёд будани қарзҳои батаъхирафтода ва беэътимод. | Андешидани чораҳои зарурӣ барои баргардонидани қарзҳои мухлатгузашта ва беэътимод. | 1.Кор бо муштариён дар самти пардохт намудани қарзҳои мухлатгузаштаи онҳо.<br>2.Ҳамкорӣ намудан бо мақомоти ҳифзи ҳуқуқ оид ба ситонидани қарзҳои мухлатгузашта ва беэътимод.<br>3.Пешниҳод намудани аризаи даъвогӣ ба суд оид ба ситонидани қарзҳои беэътимод. | Баргардонидани қарзҳои мухлатгузашта ва беэътимод. | Идораи амалиёт дар бозори озод, Шуъбаи ҳуқуқ | 2018-2019 |
| 2.3 | Низоми автоматишудаи бонкии БМТ (НАБ) | Ба талабот ҷавобгӯ набудани низоми автоматишудаи бонкии БМТ. | Иваз намудани низоми амалкунандаи автоматишудаи бонкии БМТ. | Ҷалб намудани мушовир оид ба гузаронидани тендери интихоби ширкатҳои таҳвилкунандаи НАБ. | Таъмини ҳамгироии (интегратсияи) низоми автоматишудаи бонкӣ бо дигар барномаҳои истифодашаванда. | Департменти технологияи иттилоотӣ, Идораи ҳисобдорӣ, Департаменти аудити дохилӣ | 2018-2019 |
| **III. Самарбахш намудани идоракунии амалиёти пассивӣ** | | | | | | | |
| 3.1 | Бо пули нақд таъмин намудани талаботи иқтисодиёт | Дархостҳои ташкилотҳои қарзӣ барои гирифтани пули нақд. Ҳаҷми зиёди пулҳои фарсуда бо арзишҳои номиналии хурд. Сатҳи пасти маданияти истифодаи пули миллӣ дар муомилот. | Қонеъ намудани талаботи вокеии иқтисодиёт бо пули нақд ва кам намудани ҳаҷми пулҳои фарсуда дар муомилот. | 1.Омӯзиш ва таҳлили дархости ташкилотҳои қарзӣ барои қонеъ намудани онҳо бо пули нақд.<br>2. Аз муомилот гирифтани пулҳои коғазии фарсуда махсусан бо арзишҳои номиналии нисбатан хурд 1, 3, 5 сомонӣ.<br>3.Ба муомилот баровардани тангаҳои филизӣ бо арзишҳои номиналии 1, 3, 5 сомонӣ.<br>4.Тавассути ташкилотҳои қарзӣ ва васоити ахбори омма ба роҳ мондани корҳои фаҳмондадиҳӣ ва ташвиқотӣ дар самти баланд бардоштани сатҳи маданияти шаҳрвандон оиди истифодаи пули миллӣ дар муомилот. | Мӯътадил нигоҳ доштани ҳаҷми пули нақд дар муомилот. Коҳиш ёфтани ҳаҷми пулҳои фарсуда ва беҳтар гардидани муносибати шаҳрвандон дар истифодаи пули миллӣ. | Департаменти муомилоти пулӣ ва амалиёти хазинадорӣ, Департаменти сиёсати монетарӣ, тадкиқотӣ ва рушд | 2018-2019 |

| Номгӯи чорабиниҳо | | Ҳолати ҷорӣ | Ҳадаф (Беҳгардонӣ) | Механизми татбиқ | Натиҷагирӣ | Масъулин | Муҳлати иҷроиш |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 3.2 | Муносибатҳо бо Вазорати молияи ҶТ аз рӯи уҳдадориҳои байниҳамдигарӣ | Ҳал нагардидани танзими муносибатҳо бо Вазорати молия аз рӯи уҳдадориҳои байниҳамдигарӣ. | Саривақт амалӣ намудани ҳисоббаробаркуниҳо. | Ба тасвиб расонидани тартиб ва Созишномаи нав оид ба танзими уҳдадориҳо байни Вазорати молия ва БМТ. | Беҳтар намудани вазъи молиявии БМТ. | Идораи амалиёт дар бозори озод, Шуъбаи ҳуқуқ Идораи низоми пардохт. | 2018-2019 |
| **IV. Ба эътидол овардани нишондиҳандаҳои молиявии БМТ** | | | | | | | |
| 4.1 | Сармояи БМТ | Сатҳи манфии сармояи БМТ. | Ба даст овардани натиҷаи мусбии молиявӣ ва зиёд намудани сармояи бонк. | Омӯзиш, таҳлил ва профомаҳои тавозун, ҳисобот оид ба фоида ва зарар, таҳлили GAP. | Мусбигардонии сармояи БМТ. | Идораи ҳисобдорӣ, Департаменту идораҳои дахлдор | 2018-2019 |
| 4.2 | Даромад ва хароҷоти БМТ | Дар сатҳи паст қарор доштани нишондиҳандаҳои молиявии БМТ. | Беҳтар намудани вазъи нишондиҳандаҳои молиявии БМТ. | 1. Банақшагирии Сметаи даромад ва хароҷоти БМТ ва Нақшаи маблағгузориҳои асосии БМТ.<br>2. Таҳлил ва назорат аз рӯи иҷроиши онҳо. | Ба даст овардани сатҳи мувофиқи нишондиҳандаҳои молиявӣ. | Шуъбаи банақшагирии молиявӣ ва таҳлил, Департаменти идораи захираҳои байналмилалӣ ва сиёсати қурби асъор, Департамети аудити дохилӣ | 2018-2019 |
| 4.3 | Ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси андози ҶТ вобаста ба низоми бонкӣ | Ҷой доштани мушкилии духурагӣ ва нофаҳмиҳо дар Кодекси андози ҶТ. | Ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси андози ҶТ | 1. Иштирок дар ҷаласаҳои гурӯҳи кории доимоамалкунандаи байнидоравии назди Вазорати молияи ҶТ.<br>2. Пешниҳод намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси андози ҶТ.<br>3. Мусоидат намудан ҷиҳати ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси андози ҶТ | Аз байн бурдани духурагӣ ва нофаҳмиҳои Кодекси андози ҶТ дар самти бахши бонкӣ | Идораи ҳисобдорӣ, Департаменти аудити дохилӣ | 2018-2019 |

| | Номгӯи чорабиниҳо | Ҳолати ҷорӣ | Ҳадаф (Беҳгардонӣ) | Механизми татбиқ | Натиҷагирӣ | Масъулин | Мӯҳлати иҷроиш |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **V. Суботи молиявӣ** | | | | | | | |
| 5.1 | Суботи молиявӣ ва сиёсати макропруденсиалӣ | Ваколатҳои БМТ оид ба таҳия ва назорати иҷрои сиёсати макропруденсиалӣ дар амал ҷорӣ нест. Дар раванди таҳлилҳои даврӣ татбиқ нагардидани шаклҳои стресс-тестҳо аз рӯи хавфҳои пардохтпазирӣ, асъорӣ ва даромаднокӣ.<br>Зарурат ҷиҳати таъсис додани Шӯрои миллии суботи молиявӣ дар ҶТ.<br>Ҷой надоштани III - усули хати муҳофизатӣ дар БМТ вобаста ба фаъолияти воҳидҳои сохтории он. | Бо назардошти таҷрибаи ҷаҳонӣ таҳия намудани дастурамал оиди фишангҳои макропруденсиалӣ ва гузаронидани стресс-тестҳо барои баҳодиҳии хавфҳои низоми бонкӣ.<br>Татбиқи лоиҳаи III - усули хати муҳофизатӣ тибқи меъёрҳои байналмилалӣ. | 1. Тасдиқ гардидани ваколати БМТ бо ворид шудани илова ба Қонуни ҶТ "Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон" ҳамчун вазифаи нав ҷиҳати таҳияи сиёсати макропруденсиалӣ ва назорати иҷрои он<br>2. Ҷалб гардидани кумаки техникӣ аз ташкилотҳои байналмилалии молиявӣ (БҶ, ХБА) ҷиҳати таҳияи дастурамал оид ба истифодаи фишангҳои макропруденсиалӣ ва гузаронидани стресс-тестҳо аз рӯи хавфҳои низом<br>3. Дар ҳамоҳангӣ бо Бонки Ҷаҳонӣ ва Вазорати рушди иқтисод пешниҳод намудани лоиҳаи Қарори Ҳукумати ҶТ "Дар бораи таъсиси Шӯрои миллии суботи молиявӣ" ва Низомномаи он ба ҲҶТ<br>4. Ба баррасии Раёсати БМТ пешниҳод намудани лоиҳаи Қоидаҳои муайян намудани ташкилотҳои қарзии низомсоз.<br>5. Ҷалби кӯмаки техникӣ аз ҷониби ТМБ ҷиҳати татбиқи лоиҳаи III - усули хати муҳофизатӣ. | 1. Ба роҳ мондани истифодаи фишангҳои сиёсати макропруденсиалӣ<br>2. Татбиқи модулҳои нави стресс-тестҳо дар раванди таҳлилҳо.<br>3. Ҷорӣ гардидани III - усули хати муҳофизатӣ дар БМТ. | Идораи суботи молиявӣ, Департаменти назорати бонкӣ, Департаменти аудити дохилӣ, ДИЗБ ва СҚ, Идораи муносибатҳои байналмилалӣ, Идораи амалиёт дар бозори озод, Идораи кормандон, Шуъбаи таҳлили хавфҳо | 2018-2019 |
| **VI. Назорати бонкӣ** | | | | | | | |
| 6.1 | Такмили назорати бонкӣ | 1.Ҷой доштани хавфҳои бонкӣ, махсусан хавфи қарзӣ, баланд будани сатҳи долларикунонӣ, номукаммал будани таҷрибаи идоракунии корпоративӣ дар низоми бонкӣ<br>2. Суст будани идоракунии хавфи қарзӣ ва пардохтпазирӣ дар ташкилотҳои қарзӣ, мукаммал набудани низоми автоматикии қабул ва коркарди ҳисоботҳо. | Бартараф ва пешгирии хавфҳои бонкӣ, ҷавобгӯ намудани амалияи идоракунии корпоративӣ ба таҷрибаи пешқадам, таъмини шаффофият ва устувории фаъолияти низоми бонкӣ. | 1. Беҳтар намудани амалияи идоракунии хавфи қарзӣ ва пардохтпазирӣ дар ташкилотҳои қарзӣ.<br>2. Татбиқи санҷиши фишороварии (стресс-тест) бонкҳо.<br>3. Пурзӯр намудани низоми идоракунии корпоративӣ.<br>4. Такмили барномаи компютерии автоматии қабул ва коркарди ҳисоботҳои молиявии ташкилотҳои қарзӣ. | Мутобиқ намудани низоми назорати бонкӣ бо меъёрҳои байналмилалӣ ва ҷавобгӯ намудан ба талаботҳои он. | Департаменти назорати бонкӣ, Идораи суботи молиявӣ, Департаменти технологияи иттилоотӣ | 2018-2019 |
| **VII. Такмили омори бонкӣ ва тавозуни пардохт** | | | | | | | |
| 7.1 | Такмили ҳисоботҳои оморӣ | Коркард, қабул ва автоматикунонии ҳисоботҳои оморӣ дар раванди такмилдиҳӣ қарор дорад. | Баланд бардоштани сифати ҷамъоварии маълумотҳои оморӣ ва такмил намудани дастрасии маълумотҳо ба сохторҳои дахлдори БМТ.<br>Қонеъ намудани талаботи ХБА ва мутобиқ намудани ҳисоботҳо бо меъёрҳои байналмилалӣ. | 1. Пурра автоматикунонӣ намудани ҷамъоварӣ ва таҳияи ҳисоботҳои оморӣ.<br>2. Баррасӣ ва коркард намудани барнома дар "Равзанаи ягонаи БМТ" бо имконияти дастрасии маълумотҳои оморӣ ба сохторҳои дахлдори БМТ.<br>3. Гузариш ба меъёрҳои махсуси паҳнсозии маълумотҳои оморӣ тибқи талаботҳои ХБА. | Мутобиқ гардонидани ҳисоботҳои оморӣ ба меъёрҳои байналмилалӣ. | Идораи омор ва тавозуни пардохт, Департаменти технологияи иттилоотӣ | 2018-2019 |
| 7.2 | Таъмини шаффофият дар фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ ва дастрасии аҳолӣ ба маълумотҳои оморӣ. | Дар сомонаи БМТ маълумотҳои омории алоҳида аз рӯи фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ вуҷуд надорад. | Шаффоф намудани вазъи молиявии ташкилотҳои қарзӣ барои омма. | 1. Омӯзиши таҷрибаи пешрафтаи ҷаҳонӣ оиди таҳия ва нашри ҳисоботҳои омории ташкилотҳои қарзӣ ва нашри онҳо.<br>2. Гирифтани розигии ташкилотҳои қарзӣ барои нашри маълумотҳои оморӣ дар сомонаи БМТ.<br>3. Нашр намудани ҳисоботҳои таҳиягардида дар сомонаи БМТ. | Ҳисоботҳои оморӣ ҳар семоҳа бо назардошти нишондиҳандаҳои асосии молиявии ташкилотҳои қарзӣ дар сомонаи БМТ нашр мегарданд. | Идораи омор ва тавозуни пардохт, Департаменти назорати бонкӣ, Департаменти технологияҳои иттилоотӣ, Шуъбаи матбуот | нимсолаи аввали с.2018 |

| | Номгӯи чорабиниҳо | Ҳолати ҷорӣ | Ҳадаф (Беҳгардонӣ) | Механизми татбиқ | Натиҷагирӣ | Масъулин | Мӯҳлати иҷроиш |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **VIII. Сиёсати пулию қарзӣ (монетарӣ)** | | | | | | | |
| 8.1 | Таъмини татбиқи самараноки сиёсати пулию қарзӣ. Нигоҳдории сатҳи таваррум дар доираи нишондоди пешбинишуда - 7% дар с.2018-19 ва 6% дар с.2020 | 1. Таъсирбахшии сусти канали фоизии сиёсати монетарӣ.<br>2. Таъсири омилҳои ғайримонетарӣ (зиёда аз 65 фоизи сабади таваррумӣ аз молҳои воридотӣ, тавозуни манфии савдои беруна, воридот нисбати содирот 3 баробар зиёд аст, вобастагӣ аз интиқолҳои пулӣ). | 1. Ҷоннок намудани таъсири канали фоизии сиёсати монетарӣ<br>2. Истифодаи фаъоли фишангҳои монетарӣ ҷиҳати вусъатдиҳӣ ва такмили идоракунии сатҳи пардохтпазирии ташкилотҳои қарзӣ<br>3. Систематикунонии раванди таҳия ва татбиқи сиёсати монетарӣ, тақвияти мустақилияти амалиётии татбиқи сиёсати монетарӣ<br>4. Такмили иқтидори моделсозӣ ва дурнамои нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодӣ 5.Таҳкими шаффофият ва робита бо ҷомеа дар самти сиёсати монетарӣ<br>6. Де-доллариконии бахши молиявию-иқтисодӣ<br>7. Ташкил намудани фазои мусоид ва заминаҳои устувор ҷиҳати гузариш ба низоми нави татбиқи сиёсати монетарӣ - "ҳадафгирии таваррум" (инфляционное таргетирование). | 1. Истифодаи самараноки фишангҳои монетарӣ баҳри нигоҳ доштани афзоиши муътадили пулҳои захиравӣ ва кам намудани таъсири омилҳои монетарӣ ба сатҳи нархҳо.<br>2. Такмили идоракунии сатҳи пардохтпазирии кӯтоҳмуддати низоми бонкӣ:<br>*- Самарабахш гардонидани механизми музоядаҳои когазҳои қиматноки БМТ бо истифода аз механизми дурнамои сатҳи пардохтпазирӣ;*<br>*- Таҳкими амалиётҳои фишангҳои доимдастрас, аз ҷумла амалиётҳои кӯтоҳмуддат бо пули миллӣ (ба монанди, пасандозҳо ва қарзҳои шабонарӯзӣ "овернайт" ва рӯзона "интрадей");*<br>*- Ҷорӣ намудани механизми нави захираҳои ҳатмӣ.*<br>3. Истифодаи васеи фишангҳои сиёсати монетарӣ, қурби асъор ва макропруденсиалӣ бо мақсади паст кардани сатҳи доллариконӣ ва пешгирии хавфҳои низоми бонкӣ.<br>4. Густариш додани хамоҳангии сиёсати монетарию қурбӣ бо буҷету фискалӣ, бахусус дар самти дастрасии маълумот оиди нақшаҳои даромаду харочоти буҷет ва вусъат додани бозори коғазҳои қиматноки давлатӣ.<br>5. Тахияи Низомнома оид ба асосҳои сиёсати фоизии БМТ, тахияи Стратегия коммуникатсионӣ (робита бо ҷомеа) дар самти сиёсати монетарӣ. | 1. Пурзӯр ва самаранок гардонидани механизми истифодаи фишангҳои фоизии сиёсати пулию карзӣ<br>*- Таҳия ва ривоҷ додани механизми амалиётии шаффоф ва таъсирбахши сиёсати монетарӣ;*<br>*- Идоракунии босамари сатҳи пардохтрпазирӣ дар муомилот.*<br>2. Де-доллариконии иқтисодиёт, зиёд кардани эътимоднокии пули миллӣ, кам гардидани хавфҳои қарзӣ ва коҳиш ёфтани фоизи қарзҳо бо пули миллӣ, ҷалби маблағҳои дарозмуддат ва афзоиши сатҳи монетизатсия<br>3. Рушди бозори коғазҳои қиматнок, таъмини пардохтпазирӣ дар низоми бонкӣ ва мӯътадилии ҳаҷми пул дар муомилот<br>4. Таҳкими шаффофият баҳри зиёд намудани эътимоднокӣ ба сиёсати пулию қарзӣ. | Департаменти сиёсати монетарӣ, тадқиқотӣ ва рушд, Департаменти идораи захираҳои байналмилалӣ ва сиёсати қурби асъор Идораи амалиёт дар бозори озод, Идораи суботи молиявӣ | 2018-2019 |

| | Номгӯи чорабиниҳо | Ҳолати ҷорӣ | Ҳадаф (Беҳгардонӣ) | Механизми татбиқ | Натиҷагирӣ | Масъулин | Мӯҳлати иҷроиш |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 8.2 | Татбиқи тавсияҳои ХБА ҷиҳати таҳкими асосҳои сиёсати пулию қарзӣ ва механизми амалиётии он | Сатҳи баланди пардохтпазирии изофавӣ дар низом; номукаммалии амалиётҳои монетарӣ, Фаъолияти заифи бозори байнибонкӣ ва рушд наёфтани коғазҳои қиматноки давлатӣ, номукаммали заминаи механизми пешниҳоди қарз дар ҳолатҳои фавқуллода | 1. Таҳкими механизм ва фишангҳои амалиётии монетарӣ.<br>2. Мутобиқ намудани заминаи пешниҳоди қарз дар ҳолатҳои фавқуллода ба таҷрибаи пешрафтаи ҷаҳонӣ;<br>3. Беҳтар намудани идоракунӣ ва дурнамои пардохтпазирӣ<br>4. Мусоидат ба рушди бозори байнибонкӣ ва коғазҳои қиматноки давлатӣ | 1. Тадриҷан баробар кардани фарохии коридори фоизӣ атрофи меъёри бозтамвил дар доираи 2 банди фоизӣ (меъёри бозтамвил +/-1 б.ф.).<br>2.Тадриҷан баланд бардоштани меъёри захираҳои ҳатмӣ ҷиҳати стерелизатсияи сатҳи пардохтпазирии барзиёд бо пули миллӣ; Тадриҷан ҷорӣ намудани механизми баҳисобгирии миёнаи захираҳои ҳатмӣ бо сомонӣ; Консолидатсияи суратҳисобҳои захираҳои ҳатмӣ бо суратҳисобҳои муросилотии ташкилотҳои қарзӣ (бо сомонӣ) пеш аз гузариш ба механизми баҳисобгирии миёнаи захираҳои ҳатмӣ бо сомонӣ; Манъ намудани имконияти нигоҳдории захираҳои ҳатмии барои ӯҳдадориҳои асъорӣ пешбинишуда бо сомонӣ.<br>3. Мушаххас намудани номгӯи ташкилотҳои қарзие, ки ба амалиётҳои марбут ба сиёсати монетарӣ роҳ дода мешаванд.<br>4. Таъмини шаффофият ва бозорнокии амалиётҳои асъорӣ. Эълони оммавии ҳадафҳои асосӣ ва натиҷаҳои мудохилаҳои асъорӣ.<br>5. Таҳияи стратегияи банақшагирии хариду фурӯши асъори хориҷӣ ҷиҳати бартарафнамоии мавсимияти интиқолҳои пулӣ.Беҳтар намудани дурнамои амалиётҳои (мудохилаҳои) асъорӣ.<br>6. Таҳким додани рушди воситаҳои ҳедҷкунонии асъори хориҷӣ.<br>7. Таҳияи меморандум бо Вазорати молия ҷиҳати пешниҳоди мунтазам ва сариваҷтии маълумот барои дурнамои пардохтпазирӣ.<br>8. Таҳким ва ҷоннок намудани фишанги қарзи рӯзона (интрадэй).<br>9 Таҷдиди назар намудани санадҳои меъёрии ҳуқуқии марбут ба механизми дастгирии пардохтпазирӣ дар ҳолатҳои фавқулодда (ДПФ) ҷиҳати мутобиқ намудани он бо лоиҳаи қонуни ҶТ "Дар бораи БМТ" бо назардошти тавсияҳои ХБА.<br>10. Таъсис намудани Гурӯҳи кории ДПФ ҳамчун зергурӯҳи Кумитаи қарзӣ, ки корҳои омодагии техникиро анҷом дода, таҳлилҳои худро ба Кумитаи қарзӣ пешниҳод менамояд.<br>11. Таҷдиди назар намудани санадҳои дохилии Бонки миллии Тоҷикистон, ки ба таври мушаххас вазифаҳо, мақом ва масъулятро дар дохили Бонки миллии Тоҷикистон дар мавриди дархости Бонки миллии Тоҷикистон дар мавриди қарзи ДПФ муайян менамояд. Ворид намудани тағйирот ба Низомнома Дар бораи Кумитаи қарзии Бонки миллии Тоҷикистон.<br>12. Таъсиси шуъбаи бозори пулӣ ва асъор, ки ҳаррӯза мониторинги бозори бетаъминноки байнибонкии қарзӣ ва бозори коғазҳои қиматноки давлатиро арзёбӣ менамояд.<br>13. Таъсиси кумитаи стратегӣ байни Вазорати молия ва БМТ ҷиҳати рушди бозорҳои аввалия ва дуюмдараҷаи коғазҳои қиматноки давлатӣ. | 1. Таҳкими инфрасохтори амалиётии сиёсати пулию қарзӣ ва вусъатёбии таъсирбахшии фишангҳои сиёсати пулию қарзӣ;<br>2. Васеъ намудани фишангҳои амалиётии монетарӣ барои идоракунии самараноки пардохтпазирӣ;<br>3. Рушди бозори байнибонкӣ ва коғазҳои қиматнок;<br>4. Механизми мукаммалёфтаи пешниҳоди қарз дар ҳолатҳои фавқулода ва шаффоф намудани амалиёти ДПФ. | Департаменти сиёсати монетарӣ, тадқиқотӣ ва рушд, Департаменти идораи захираҳои байналмилалӣ ва сиёсати қурби асъор, Идораи амалиёт дар бозори озод, Департаменти назорати бонкӣ, Идораи суботи молиявӣ | 2018-2019 |

| | Номгӯи чорабиниҳо | Ҳолати ҷорӣ | Ҳадаф (Беҳгардонӣ) | Механизми татбиқ | Натиҷагирӣ | Масъулин | Мӯҳлати иҷроиш |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **IX. Инфрасохтори низоми пардохт** | | | | | | | |
| 9.1 | Такмили санадҳои меъёрӣ дар самти танзим ва назорати хизматрасониҳои пардохтӣ ва фаъолияти низомҳои пардохт | Санадҳои меъёрии амалкунанда ва фаъолияти назоратӣ ба талаботи воқеӣ ҷавобгӯ нестанд. | Пурзӯр намудани фаъолияти танзим ва назорати хизматрасониҳои пардохтӣ ва фаъолияти низомҳои пардохтӣ, беҳтар намудани сифати хизматрасониҳои пардохтӣ, зиёд намудани амалиётҳои ғайринақдӣ ва ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагони хизматрасониҳои пардохтӣ. | 1. Таҳияи лоиҳаи Тартиб оид ба ҷалби агентҳои бонкии пардохтӣ ва амалисозии назорати риояи шартҳои ҷалби онҳо.<br>2. Таҳияи Тартиби назорати низомҳои пардохтӣ, роҳандозӣ намудани фаъолияти назорати низомҳои пардохтӣ тибқи таҷрибаи байналмилалӣ ва ғайра. | Таъмини танзим ва назорати хизматрасониҳои пардохтӣ ва низомҳои пардохт. | Идораи низоми пардохт, Департаменти назорати бонкӣ. | 2018-2019 |
| 9.2 | Рушди инфрасохтори низоми пардохт ва вусъат додани ҳисоббаробаркуниҳо и ғайринақдӣ | Ба талабот ҷавобгӯ набудани низоми пардохти БМТ.<br>Кам будани ҳиссаи ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ дар муомилоти пулӣ | Навкунӣ ва татбиқ намудани низомҳои муосир дар БМТ. Мусоидат намудан барои афзоиши ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ. | 1. Иваз намудани низоми амалкунанда ба низомҳои муосири автоматишудаи байнибонкии интиқоли маблағҳо (НАБИМ).<br>2.Амонатҳои (депозитарияи) марказии коғазҳои қиматнок (АМКҚ) ва Платформаи пардохтӣ барои интиқоли байналмилалии маблағҳо.<br>3. Татбиқи чораҳои мушаххас барои афзоиши ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ. | Саривақт, босифат ва боэътимод амалӣ намудани ҳисоббаробаркуниҳои байнибонкӣ ва интиқоли маблағҳо. Афзоиши имконияти анҷом додани ҳисоббаробаркуниҳо ба таври ғайринақдӣ | Идораи низоми пардохт, Департменти технологияи иттилоотӣ | 2018-2019 |
| **X. Фаъолияти аудиторӣ** | | | | | | | |
| 10.1 | Такмил додани санадҳои меъёрии ҳуқуқии марбут ба аудити дохилӣ | Мавҷуд будани эҳтиёҷ ба санадҳои меъёрӣ аз рӯи самтҳои гуногуни фаъолият, ки мутобиқи меъёрҳои касбӣ бошанд | Мутобиқ намудани санадҳои меъёрӣ ба талаботи имрӯза ва меъёрҳои байналмилалӣ. | 1. Омӯзиш ва татбиқи меъёрҳои байналмилалии касбии аудити дохилӣ.<br>2. Ҳамкорӣ бо бонкҳои марказии кишварҳои ИДМ дар доираи Шӯрои машваратӣ оид ба фаъолияти аудитории бонкҳои марказӣ (миллӣ).<br>3. Таҳия намудани санадҳои меъёрии нав ё ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санадҳои меъёрии амалкунанда. | Таъмини самаранокии фаъолияти аудити дохилӣ. | Департамети аудити дохилӣ | 2018-2019 |
| 10.2 | Баланд бардоштани сатҳи тахассус ва салоҳиятнокии аудиторони дохилӣ | Мавҷуд набудани аудиторони дорои сертификатҳои касбӣ. | Ноил гардидан ба дарёфти сертификатҳои касбӣ. | 1. Ташкил намудани курсҳо ва дигар чорабиниҳои таълимӣ, иштирок дар семинару коромӯзиҳо<br>2. Мубодилаи таҷриба дар доираи Шӯрои машваратӣ оид ба фаъолияти аудитории бонкҳои марказӣ (миллӣ)<br>3. Дар асоси меъёрҳои байналмилалии аудит бо ҷалби мушовири берунӣ гузаронидани баҳогузории фаъолияти Департаменти аудити дохилӣ. | Гирифтани сертификатҳои касбӣ ва баланд бардоштани салоҳиятнокии аудиторони дохилӣ. | Департаменти аудити дохилӣ | 2018-2019 |

| Номгӯи чорабиниҳо | | Ҳолати ҷорӣ | Ҳадаф (Беҳгардонӣ) | Механизми татбиқ | Натиҷагирӣ | Масъулин | Мухлати иҷроиш |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 10.3 | Тадриҷан гузаштан аз санҷиши аудитории сохторӣ ба аудит аз рӯи равандҳои корӣ (бизнес - протсессҳо) | Банақшагирӣ ва гузаронидани санҷишҳои аудиторӣ аз рӯи воҳидҳои сохтории БМТ. | Пурра фаро гирифтани фазои аудит ва мутобиқ намудани санҷишҳои аудиторӣ ба меъёрҳои байналмилалии аудит. | 1. Дар якҷоягӣ бо воҳидҳои сохтории даххлдор таҳия ва такмил додани нақшаи равандҳои корӣ (бизнес - протсессҳо)<br>2. Ҷалб намудани мушовири берунӣ ҷиҳати таҳияву такмили бизнес - равандҳои Бонк ва умуман татбиқ намудани муқаррароти асосии Меъёрҳои байналмилалии касбии аудити дохилӣ. | 1. Такмил ва пурра намудани бизнес - равандҳо дар БМТ.<br>2. Баланд бардоштани сифат ва самаранокии аудити дохилӣ. | Департаменти аудити дохилӣ | 2019 |
| **XI. Таҳлили хавфҳо дар БМТ** | | | | | | | |
| 11.1 | Таҳкими идорасозии хавфҳои молиявӣ дар БМТ | Маҳдуд будани предмети таъминнокии гарав барои вусъат ёфтани самаранокии амалиётҳои монетарӣ. | 1. Таҳия ва андешидани маҷмӯи тадбирхо оид ба ташкил намудани Низоми худии баҳодиҳии қарзии БМТ (ICAS).<br>2. Васеъ кардани доираи дороиҳои пардохтпазир, истифода шудани қарзҳои мизочон ҳамчун гарав ва коҳиш додани хавфи қарзӣ дар БМТ.<br>3. Истифодаи низоми худии баҳодиҳии қарзии БМТ (ICAS) ҳамчун восита дар назорати бонкӣ. | 1. Дар доираи Гурӯҳи корӣ оид ба ташкил намудани феҳрасти қарзӣ, ташкил намудани низоми худии баҳодиҳии қарзии БМТ (ICAS).<br>2. Ҷалб намудани кӯмаки техникӣ ҷиҳати татбиқи Низоми худии баҳодиҳии қарзӣ (ICAS). | 1. Ба гурӯҳи рейтингӣ тақсим намудани қарзҳои додашуда ҳангоми ба гарав пешниҳод намудани онҳо.<br>2. Муайян намудани эҳтимолияти дефолти мизочони ташкилотҳои қарзӣ.<br>3. Мониторинги хавфҳои қарзии низом ва таҳияи ҳисоботҳо оид ба он. | Шуъбаи таҳлили хавфҳо, Департаменти технологияҳои иттилоотӣ, Идораи амалиёт дар бозори озод, Департаменти сиёсати монетарӣ, Департаменти назорати бонкӣ, Идораи суботи молиявӣ | 2018-2019 |
| **XII. Мониторинги молиявӣ** | | | | | | | |
| 12.1 | Амалӣ намудани талаботҳои тавсияҳои Гурӯҳи татбиқи чораҳои молиявии муқовимат ба шустани пул (ФАТФ) | Номукаммалии баъзе санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ. | Мутобиқ намудани қонунгузории ҶТ бо талаботҳои тавсияҳои ФАТФ. Ҷиҳати иҷрои талаботи тавсияи ҳои ФАТФ муайян ва пешгирӣ намудани хавфҳо ва омилҳои мусоидаткунандаи шустани пул ва маблағгузории терроризм дар самтҳои молиявию бонкӣ ва бехатарии амниятӣ ҷумҳурӣ. | Таҳия намудани қонунҳо ва дигар санадҳои зерқонунӣ дар якҷоягӣ бо Комиссияи доимоамалкунандаи байниидоравӣ оид ба муқовимат ба қонунгардонии даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом. | Таъмини иҷрои меъёрҳои байналмилалии ФАТФ ва санадҳои меъёрии бонкӣ. | Департаменти мониторинги молиявӣ | 2018-2019 |

| | Номгӯи чорабиниҳо | Ҳолати ҷорӣ | Ҳадаф (Беҳтардонӣ) | Механизми татбиқ | Натиҷагирӣ | Масъулин | Мухлати иҷроиш |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 12.2 | Гузаронидани даври 2-юми баҳодиҳии тарафайни низоми миллии МҚД/МТ/МПСҚО аз ҷониби коршиносони ГАО оид ба МҚД/МТ | Муҳокимаи ҳамаҷониба/ бартараф намудани камбудиҳои зоҳиргар-дида тибқи ҳисобот, инчунин, натиҷаи ҳайати сайёрии ГАО (5-15 марти соли 2018). | Гузаронидани даври 2-ми баҳодиҳии тарафайн аз ҷониби коршиносони ГАО оид ба мутобиқати низоми миллии МҚД/МТ/МПСҚО-и ҶТ ба меъёрҳои байналмилалӣ ва мониторинги минбаъда. | Дар оянда ҳамкории муштарак миёни мақомоти салоҳиятдори ҶТ бо коршиносон-баҳогузорони ГАО, бо мақсади омода намудани ҳисоботи баҳодиҳии тарафайни ҶТ дар мувофиқа ба стандартҳои Гурӯҳи татбиқи чораҳои молиявӣ (ФАТФ) ва самаранокии низоми МҚД/МТ/МПСҚО. | Мутобиқати самаранокии низоми миллии МҚД/МТ/МПСҚО-и кишвар ба стандартҳои байналмилалӣ дар самти МҚД/МТ/МПСҚО. | Департаменти мониторинги молиявӣ Департаменти назорати бонкӣ Идораи назорати суғуртавӣ Идораи низоми пардохт Идораи муносибатҳои байналмилалӣ | 2018- 2019 |
| 12.3 | Ба роҳ мондани дастрасии бевосита ва бавосита ба пойгоҳҳои маълумотии ҳамаи мақомоти давлатӣ ҷиҳати саривақт гузаронидани корҳои таҳлилӣ ва пешгирии МҚД/МТ/МПСҚОО | Баррасии масъалаи дастрасӣ ба пойгоҳҳои маълумотии мақомоти давлатие, ки нигоҳдории маълумот бо таври когазӣ ба роҳ монда шудааст. Айни замон, Департамент ба пойгоҳҳои маълумоти 6 мақомоти давлатӣ дастрасӣ дорад (2 бевосита ва 4 бавосита). | Тезонидани раванди кор, саривақт ва оперативӣ андешидани чораҳои зарурӣ. Баланд бардоштани раванди мониторинги амалиётҳо ва корҳои таҳлилӣ. | Ҷоннок намудани фаъолият дар доираи ваколатҳои Комиссияи доимоамалкунандаи байниидоравӣ оид ба МҚД/МТ/МПСҚО ва Гурӯҳи корӣ оид ба дастрасии Департаменти мониторинги молиявӣ ба пойгоҳҳои маълумотии мақомоти давлатӣ | Иҷрои талаботи қонунгузории ҶТ дар самти МҚД/МТ/МПСҚО ва инчунин васеъ намудани имкониятҳои барномаи коркарди иттилоотӣ, сари вақт ва оперативӣ ҷавоб додан ба дархостҳои мақомоти қудратӣ | Департаменти мониторинги молиявӣ | 2018-2019 |
| 12.4 | Ташкили маркази омӯзишӣ ва бозомузӣ дар назди Департамент барои мутахассисони вазорату идораҳои низоми МҚД/МТ/МПСҚО ва ташкилотҳое, ки бо маблағҳои пулӣ ва молу мулк амалиёт анҷом медиҳанд. | Гуфтушунидҳо ва мукотиба бо ташкилотҳои байналмилалӣ ҷиҳати ҷудо намудани Кӯмаки техникӣ. | Баланд бардоштани савияи дониши кормандони вазорату идораҳои низоми МҚД/МТ/МПСҚО ва ташкилотҳое, ки бо маблағҳои пулӣ ё дигар молу мулк амалиёт анҷом медиҳанд дар самти МҚД/МТ/МПСҚО. | 1. Дар доираи Кумаки техникӣ аз ҷониби донорҳо дастрас намудани таҷҳизотҳои техникӣ барои истифода дар кор.<br>2. Таъмини ҳолати техникии коркарди ҷанбаҳои ҳуқуқии амалкунанда аз ҷониби БМТ. | Омода намудани мутахассисони болаёқат дар самти МҚД/МТ/МПСҚО. | Департаменти мониторинги молиявӣ | 2018-2019 |
| 12.5 | Ба роҳ мондани стандарти касбӣ/олӣ дар самти МҚД/МТ | Бинобар танқисӣ ва норасоии мутахассисон дар самти МҚД/МТ омода намудани кадрҳои ҷавон дар донишгоҳҳои ватанӣ дар самти зикршуда. | Ташкили Гурӯҳи мураттибон оид ба таҳияи стандарти давлатии таълимии ихтисоси "Бехатарии иқтисодӣ". | Ҳамкорӣ бо Вазоратҳои рушди иқтисод ва савдо, маориф ва илм, меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, молия, Федератсияи иттифоқҳои касабаи мустақил ва Макотиби олии кишвар дар доираи ҷорӣ кардани ихтисоси "Бехатарии иқтисодӣ" ба роҳ монда мешавад. | Стандарти касбӣ/олӣ дар самти МҚД/МТ ба роҳ монда шуд. | Департаменти мониторинги молиявӣ | 2018-2019 |

| | Номгӯи чорабиниҳо | Ҳолати ҷорӣ | Ҳадаф (Беҳгардонӣ) | Механизми татбиқ | Натиҷагирӣ | Масъулин | Мухлати иҷроиш |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **XIII. Муносибатҳои байналмилалӣ** | | | | | | | |
| 13.1 | Густариш додани ҳамкорӣ бо ташкилотҳои молиявии байналмилалӣ ва шарикони рушд | Ҷалби қарзҳои имтиёзнок ва кӯмакҳои техникӣ барои дастгирии сиёсати монетарию асъорӣ ва устувории низоми бонкии кишвар | Тақвияти ҳамкориҳои судманд бо ташкилотҳои молиявии байналмилалӣ ва шарикони рушд ҷиҳати ҷалби маблағгузории имтиёзнок барои танзими сиёсати монетарию асъорӣ ва устувории низоми бонкӣ | 1. Дар якҷоягӣ бо идораҳои дахлдори БМТ таҳияи барномаҳои мушаххас ва пешниҳоди онҳо ба ташкилотҳои молиявии байналмилалӣ (аз ҷумла ХБА, Бонки Ҷаҳонӣ, Фонди зиддибӯҳронии АврОсиё ва бонкҳои хориҷи дуру наздик) барои ҷалби қарзҳои имтиёзнок ҷиҳати дастгирии сиёсати монетарию асъорӣ.<br>2. Баргузории гуфтушунид, омода ва пешниҳод намудани барномаи мушаххас ба шарикони рушд барои ҷалби қарзҳои имтиёзнок ҷиҳати дастгирии сиёсати монетарию асъорӣ. | Ҷалби бештари маблағгузории имтиёзнок ҷиҳати дастгирии сиёсати пулию қарзӣ ва асъорӣ Ҷалби кӯмакҳои техникӣ. | Идораи муносибатҳои байналмилалӣ, Департаменти сиёсати монетарӣ, тадқиқотӣ ва рушд, Департаменти идораи захираҳои байналмилалӣ ва сиёсати қурби асъор, Идораи суботи молиявӣ ва дигар сохторҳои дахлдори БМТ | 2018-2019 |
| 13.2 | Ҳамкорӣ бо ташкилотҳои молиявии байналмилалӣ ва шарикони рушд ҷиҳати ҷалби кӯмаки техникӣ барои бозомӯзии кормандон | Нокифоя будани ҷалби кӯмакҳои техникӣ ва ба роҳ мондани бозомӯзии кормандон. | Беҳтар намудани ҳамкорӣ оид ба ҷалби кӯмаки техникӣ. Самаранок истифода бурдани маблағҳои кӯмакҳои техникӣ. Беҳтар намудани бозомӯзии кормандон. | 1. Таҳия ва пешниҳоди барномаи мушаххас ба ташкилотҳои молиявии байналмилалӣ ва шарикони рушд ҷиҳати ҷалби кӯмакҳои техникӣ. Муайян намудани мавзӯъҳои рӯзмара ва зарурӣ барои бозомузии кормандон.<br>2. Ташкили чорабиниҳои омӯзишӣ баҳри такмили ихтисоси кормандони БМТ дар доираи тақвияти ҳамкориҳои самаранок бо ташкилотҳои молиявии байналмилалӣ. | Ҷорӣ намудани автоматикунонии фаъолияти амалиётии БМТ, баланд гардидани савияи дониши кормандон ва мутобиқ намудани малакаи онҳо бо меъёрҳои байналмилалӣ. | Идораи муносибатҳои байналмилалӣ, Идораи кормандон ва дигар сохторҳои дахлдори БМТ | 2018-2019 |
| **XIV. Назорати суғуртавӣ ва иҷозатномадиҳӣ** | | | | | | | |
| 14.1 | Таҳияи санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии марбут ба назорати суғуртавӣ ва ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии амалкунанда | Санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда ба талаботи замон ҷавобгӯ нестанд ва бо қонунҳои амалкунанда мухолифат мекунанд. Қонунҳои алоҳида барои ҳар як намуди суғуртаи ҳатмӣ вуҷуд надорад. | Ба мувофиқа овардани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ бо мақсади ба танзим даровардани фаъолияти ташкилотҳои суғуртавӣ ва аз байн бурдани монополия дар бахши суғурта. | 1. Омӯзиши санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда ва таҳлили мухолифату камбудиҳои он.<br>2. Ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ".<br>3. Такмили санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда дар асоси омӯзиши таҷрибаи пешрафтаи дигар давлатҳо. | Баланд бардоштани самаранокии фаъолияти бозори суғуртавӣ. | Идораи назорати суғуртавӣ, Пажуҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотӣ | 2018-2019 |

| | Номгӯи чорабиниҳо | Ҳолати ҷорӣ | Ҳадаф (Беҳгардонӣ) | Механизми татбиқ | Натиҷагирӣ | Масъулин | Мӯҳлати иҷроиш |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 14.2 | Иҷозатномадиҳӣ ва талабот нисбати сармояи оинномавӣ | Аз назар дур мондани фаъолияти ташкилотҳои суғуртавӣ ва ба пуррагӣ истифода набурдани намудҳои суғуртаҳое, ки тибқи иҷозатнома дода шудаанд. Вобаста ба талаботҳои муосир кофӣ набудани меъёри сармояи оинномвӣ. | Дуруст ба роҳ мондани фаъолияти ташкилотҳои суғуртавӣ ва раванди тараққиёти бозори суғуртавӣ. | 1. Тибқи таҷрибаи байналмилалӣ такмил додани раванди иҷозатномадиҳӣ.<br>2. Пурзӯр намудани назорат ва ҷорӣ намудани меъёрҳои талаботӣ.<br>3. Иштирок дар курсҳо ва семинарҳои байналмилалӣ. | Ба роҳ мондани рақобатнокии солим. | Идораи назорати суғуртавӣ, | 2018-2020 |
| **XV. Ҳуқуқи истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ** | | | | | | | |
| 15.1 | Таҳияи санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ марбут ба ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ. | Санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда пурра ба талаботи замон ҷавобгӯ нестанд, Қонунҳои алоҳида бештар ҳимояи истеъмолкунандагони мол ва хизматрасониҳои маиширо дарбар мегиранд. | Заминаи қонунгузорӣ оид ба ҲҲИ бояд ҳаматарафа буда, ба БМТ ваколатҳои зарурии ҳуқуқиро ҷиҳати ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ дар ҶТ таъмин намояд. | 1. Ворид намудани илова ва тағйирот ба Қонуни ҶТ "Дар бораи фаъолияти бонкӣ";<br>2. Ҷалб намудани кумаки техникӣ дар самти таҳияи санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии зерин:<br>- Дастурамал «Дар бораи тартиби пешниҳоди хизматрасониҳои молиявӣ ва тартиби ифшои маълумот ба муштариёни ташкилотҳои қарзӣ»;<br>- Дастурамал «Дар бораи тартиби баррасӣ намудани мурочиати муштариёни ташкилотҳои қарзӣ ва талаботи ҳадди ақал ба расмиёти дохилии ташкилотҳои қарзӣ»;<br>-Дастурамал «Дар бораи талаботи ҳадди ақал ва тартиби нашри маълумот аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ».<br>3. Иштирок дар курсҳо ва семинарҳои байналмилалӣ бо мақсади омухтани таҷрибаи байналмилалӣ. | Ташаккули низоми самараноки ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ ба зиёд намудани эътимод ба бахши молиявӣ, инчунин додани ҳуқуқу имкониятҳои бештар ба истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ оварда мерасонад. | Идораи ҲҲИХМ дар якҷоягӣ бо сохторҳои дахлдори БМТ, ташкилотҳои қарзӣ ва суғуртавӣ, ассотсиатсияҳои бонкҳо ва ТМХ, БҶ ва донорҳо | 2018-2020 |
| 15.2 | Амалӣ намудани чорабиниҳои мустақими фаҳмондадиҳӣ (тавзеҳотӣ) дар соҳаи маърифати молиявӣ | Саводнокии аҳолӣ дар сатҳи паст қарор дорад, ки ин яке аз сабабҳои васеъ истифода набурдани хизматрасониҳои молиявӣ ва нокифоя будани боварии аҳолӣ ба низоми бонкӣ мебошад. | Сатҳи кофии донишҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ ба қабули қарорҳои дуруст ва манфиатнок, ҳангоми интихоби маҳсулотҳои молиявӣ ва пешниҳодкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ таъсири мусбат мерасонад. | 1. Дар якҷоягӣ бо Вазорату Идораҳои дахлдори ҶТ таҳияи барномаи давлатии маърифати молиявӣ (Эзоҳ: БМТ ҳангоми таҳияи ин Барнома дар доираи ваколатҳои худ, ки қонунгузории бонкии ҶТ муайян намудааст, иштирок менамояд).<br>2. Ҷалб намудани кумаки техникӣ дар самти баланд бардоштани сатҳи саводнокии молиявии аҳолӣ.<br>3. Иштироки кормандони Идора дар раванди татбиқи барномаҳои гуногун оид ба маърифати молиявӣ, ки аз ҷониби ташкилотҳои байналмилалӣ, донорҳо ва шарикон роҳандозӣ мешаванд. | Баланд бардоштани сатҳи дониш ва малакаҳои истифодабарандагони хизматрасониҳои молиявӣ ба афзоиши боварии аҳоли ба низоми молиявӣ ва ба беҳсозии некуаҳволии иқтисодии истеъмолкунандагон оварда мерасонад. | Идораи ҲҲИХМ дар якҷоягӣ бо сохторҳои дахлдори БМТ, ташкилотҳои қарзӣ ва суғуртавӣ, ассотсиатсияҳои бонкҳо ва ТМХ, БҶ ва донорҳо | 2018-2020 |

# Маълумоти иловагӣ доир ба бандҳои алоҳида

| Банд | Маълумоти иловагӣ |
|---|---|
| **ЗИЁДШАВИИ ЗАХИРАҲО АЗ ҲИСОБИ:** | |
| **Захираҳои тилло** | |
| **1.1.1** | Афзуншавии тиллои монетарӣ аз ҳисоби омилҳои зерин ба нақша ғирифта шудааст:<br>▪ Тасфия (аффинаж)-и тиллои ғайримонетарӣ ба миқдори 9,1 тонна дар 3 сол. |
| **1.1.2** | Аксарияти тиллои ғайримонетарӣ (дар шакли сабика) аз ҶДММ КМ "Зарафшон", ҶДММ "Пакрут" ва ҶДММ ТК «Апрелевка» харидорӣ карда мешавад. Дар нақша 90% истеҳсоли ҶДММ ТК «Апрелевка», 100% истеҳсоли ҶДММ КМ "Зарафшон" ва 80% истеҳсолоти ҶДММ "Пакрут" ҳисоб карда шудааст. |
| **Аз анҷомдиҳии амалиётҳои асъорӣ** | |
| **1.2.1** | Аз санаи 02.02.с.2016 фаъолияти босубот ва пурсамари механизми мубодилаи пурраи рубли русии интиқолшуда ба сомонӣ ва фурӯши на кам аз 50 фоизи онҳо аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ дар бозори байнибонкӣ, тавассути низоми яғонаи электронии савдои Томсон Ройтерс таъмин карда шудааст.<br>Хариди рубли русӣ аз ташкилотҳои қарзӣ фаъолона аз феврали соли 2016 шурӯъ шудааст. Дар се моҳи 2018 16,9 млрд. рубли русӣ, ва танҳо дар 10 рӯзи моҳи равон зиёда аз 1,9 млрд. рубли русӣ харидорӣ шуд. Ба миқдори миёна дар як моҳ то 23 млн. доллари харидорӣ кардан ба ҳадаф гузошта шудааст. Дар солҳои оянда зиёдшавии ин миқдор эҳтимолияти баланд дорад, зеро тибқи супориши Бонки миллӣ, ташкилотҳои қарзӣ уҳдадор мешаванд, ки нисфи даромадҳои рубли русии худро ба Бонки миллӣ фурӯшанд. |
| **Зиёдшавии захираҳо аз дигар манбаъҳо** | |
| **1.3.1** | Дар соли 2017 аз барориши Евробондҳо маблағҳо дар ҳаҷми 500 млн. доллари ИМА ҷалб карда шуданд. |
| **Воридотҳои буҷетӣ** | |
| **1.4.1** | Интиқол ба Бонки миллӣ аз ташкилотҳои буҷетӣ дар солҳои гузашта<br>Соли 2017: 255,0 млн. долл. ИМА |
| **КАМШАВИИ ЗАХИРАҲО АЗ ҲИСОБИ:** | |
| **Хароҷотҳои буҷетӣ** | |
| **2.1.1** | Интиқоли Вазорати молия (бо назардошти НБО "Роғун"):<br>3 моҳи соли 2018 (60,4 млн. долл. ИМА)<br>Соли 2017 - (308,0 млн. долл. ИМА) |
| **Хароҷотҳои сохтори бонкӣ** | |

| | |
|---|---|
| **2.2.1** | Интиқолҳои ташкилотҳои қарзӣ дар солҳои гузашта чунин буданд:<br>3 моҳи соли 2018 (276,6 млн. долл. ИМА)<br>Соли 2017 - (782,0 млн. долл. ИМА) |
| **2.2.2** | Ба ташкилотҳои қарзӣ чунин маблағҳои нақдӣ дода шудаанд:<br>3 моҳи соли 2018 - (71,4 млн. долл.ИМА)<br>Соли 2017: 254,2 млн. доллари ИМА |
| **Пардохт кардани қарзҳо ва Свопҳо** | |
| **2.3.1** | Қарзи ХБА тибқи ҷадвал пардохт шуда истодааст.<br>Дар соли 2017: 18,3 млн. СДР |
| **2.3.2** | Қарз аз Бонки Рушди Хитой тибқи ҷадвал пардохт карда мешавад.<br>Дар соли 2017: 2,0 млн. доллари ИМА |
| **2.3.3** | Пардохти фоиз ва маблағҳои асосии СВОПи Корпоратсияи байналмилалии молиявӣ то охири соли 2019.<br>Дар соли 2017: 10,7 млн. доллари ИМА |

## 1. Пешгӯии нархи тилло барои солҳои 2018–2020, ба ҳолати 10.04.2018

| **Намуди пешгӯӣ** | **Солҳо** | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2 семоҳаи с. 2018 | 3 семоҳаи с. 2018 | 4 семоҳаи с. 2018 | 2018 | 2019 | 2020 |
| Нишондиҳандаи миёна (Bloomberg) | 1 323,00 | 1 315,00 | 1 318,00 | 1 314,00 | 1 324,00 | 1 316,00 |




## 2. Пешгӯии нархи нафт (навъи Brent) барои солҳои 2018–2020, ба ҳолати 10.04.2018

| **Намуд** | Солҳо | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2 семоҳаи с. 2018 | 3 семоҳаи с. 2018 | 4 семоҳаи с. 2018 | 2018 | 2019 | 2020 |
| Нишондиҳандаи миёна (Bloomberg) | 65,00 | 64,00 | 65,00 | 64,75 | 65,00 | 66,00 |




## 3. Пешгӯии USD/RUB барои солҳои 2018-2020, ба ҳолати 10.04.2018 (Bloomberg)

| Намуд | Солҳо | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2 семоҳаи с. 2018 | 3 семоҳаи с. 2018 | 4 семоҳаи с. 2018 | 2018 | 2019 | 2020 |
| Нишондиҳандаи миёна (Bloomberg) | 57,65 | 57,75 | 58,51 | 57,97 | 59,50 | 58,90 |



*Замимаи III ба "Нақшаи стратегии солимгардонии фаъолияти Бонки миллии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2019" "Ба эътидол овардани нишондиҳандаҳои молиявии БМТ"*

## Маълумот оид ба пешгӯии даромаду хароҷот барои солҳои 2018 - 2020

| Рақами ҳисоб | Номгӯи суратҳисобҳо | Пешгӯи барои 2018 | Пешгӯи барои 2019 | Пешгӯи барои 2020 |
|---|---|---|---|---|
| | | | | |
| **40208** | **Даромадҳо аз фоизи қарзҳо ба ташкилотҳои қарзӣ бо пули миллӣ** | **1 095 645,00** | **908 929,20** | **653 445,50** |
| | *аз ҷумла:* | | | |
| | * БДА ҶТ "Амонатбонк" (БДРХ) | 172 350,00 | 138 295,90 | 87 452,10 |
| | * ҶСК "Ориёнбонк" (БДРХ) | 706 635,00 | 553 973,30 | 349 333,40 |
| | Қарзҳо барои пардохтпазирӣ | 216 660,00 | 216 660,00 | 216 660,00 |
| **40210** | **Даромадҳо аз фоизи қарзҳо ба шахсони дигар бо пули миллӣ** | **352 000,00** | **150 000,00** | **70 000,00** |
| | Қарзҳои кормандони БМТ | 352 000,00 | 150 000,00 | 70 000,00 |
| **40230** | **Даромад аз фоизи қарзҳои ташкилотҳои қарзӣ бо асъори хориҷӣ (долл. ИМА)** | **79 485,96** | **66 360,96** | **53 110,00** |
| | *аз ҷумла:* | | | |
| | ҶСК "Ориёнбонк" (БИР) | 68 285,96 | 55 160,96 | 41 910,00 |
| | ҶСП ТАҚХ "Ҳумо" (БИР) | 2 400,00 | 2 400,00 | 2 400,00 |
| | ҶСП ТАҚХ "ИмонИнтернешнл" (БИР) | 1 600,00 | 1 600,00 | 1 600,00 |
| | ҶСП "Спитаменбонк" (БИР) | 1 000,00 | 1 000,00 | 1 000,00 |
| | БДА ҶТ "Амонатбонк" (БИР) | 1 600,00 | 1 600,00 | 1 600,00 |
| | ҶСК "Бонки Эсхата" (БИР) | 2 000,00 | 2 000,00 | 2 000,00 |
| | ҶСК "Бонки Байналмилалии Тоҷикистон" (БИР) | 1 000,00 | 1 000,00 | 1 000,00 |
| | ҶДММ "Арванд" (БИР) | 600,00 | 600,00 | 600,00 |
| | ҶСК "Коммерсбонки Тоҷикистон" (БИР) | 1 000,00 | 1 000,00 | 1 000,00 |

Маълумот оид ба пешгӯии даромаду хароҷот барои солҳои 2018 – 2020

| Рақами ҳисоб | Номгӯи суратҳисобҳо | пешгӯӣ барои 2018 | пешгӯӣ барои 2019 | пешгӯӣ барои 2020 |
|---|---|---|---|---|
| | | | | |
| 40206 | **Даромад аз фоизи сармоягузориҳои дохилӣ бо пули миллӣ (аз рӯи векселҳои ВМ ҶТ)** | **9 259 627** | **0** | **0** |
| | *аз он ҷумла:* | | | |
| | ҶСК "Ориёнбонк" | 2 372 214 | 0 | 0 |
| | ҶСК "Агроинвестбонк" | 4 410 173 | 0 | 0 |
| | ҶСП БСТ ТИСТ "Тоҷпромбонк" | 2 398 114 | 0 | 0 |
| | ҶСК "Тоҷиксодиротбонк" | 79 127 | 0 | 0 |
| | **Даромад аз рӯи векселҳои ВМ ҶТ(рекапитализатсияи БМТ барои солҳои 2011-2018)** | **94 160 000** | **98 000 000** | **0** |
| | **Даромад аз рӯи векселҳои ВМ ҶТ (Қарори Ҳукумати ҶТ №527)** | **59 576 504** | **49 810 203** | **33 210 203** |
| | *аз он ҷумла:* | | | |
| | ҶСК "Агроинвестбонк" | **20 340 203** | **16 060 203** | **10 710 203** |
| | ҶСК "Тоҷиксодиротбонк" | **39 236 301** | **33 750 000** | **22 500 000** |
| | **Даромад аз рӯи векселҳои ВМ ҶТ (Қарори Ҳукумати ҶТ №165)** | **9 078 247** | **6 958 247** | **4 838 247** |
| | **Даромад аз рӯи вомбаргҳои (займы) дарозмӯҳлати ВМ ҶТ** | **12 303 208** | **12 303 208** | **12 303 208** |
| | **Даромад аз рӯи векселҳои ВМ ҶТ (Қарори Ҳукумати ҶТ №178)** | **40 000 000** | **40 000 000** | **13 150 685** |
| | ***500 000 000*** | 40 000 000 | 40 000 000 | 13 150 685 |
| | ***200 000 000*** | - | - | - |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | ***Ҷамъ:*** | **224 377 586** | **207 071 658** | **63 502 343** |
| | **Хароҷотҳои фоизӣ аз рӯи амонатҳои Ҳукумати ҶТ** | **113 641 699** | **104 531 511** | **145 804 747** |
| **50109** | ***бо пули миллӣ*** | 101 281 498 | 90 526 800 | 99 013 688 |
| **50131** | ***бо асъори хориҷӣ:*** | | | |
| | бо доллари ИМА | 11 961 000 | 13 551 142 | 46 337 490 |
| | бо евро | 205 100 | 242 566 | 242 566 |
| | бо рубли Русия | 194 100 | 211 004 | 211 004 |
| **50121** | **Хароҷоти фоизӣ аз рӯи уҳдадориҳои қарзии БМТ бо пули миллӣ** | **165 000 000** | **200 000 000** | **230 000 000** |
| **50101** | **Хароҷоти фоизӣ аз рӯи амонатҳои бонкҳои маҳаллӣ бо пули миллӣ** | **25 000 000** | **35 000 000** | **50 000 000** |

*Замимаи IV ба "Нақшаи стратегии солимгардонии фаъолияти Бонки миллии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2019"*
*"Таҳлили хавфҳо дар БМТ"*

**Хавфҳое, ки бояд ҳатман дар "Нақшаи стратегии солимгардонии Бонки миллии Тоҷикистон дар солҳои 2015-2019" ба инобат гирифта шаванд:**

1. Набудани маълумоти кофӣ оид ба мизоҷон-қарздорони низоми бонкӣ ва ҷой доштани хавф дар номукаммал таҳия намудани низоми худии баҳодиҳии қарзӣ, ташкили феҳрасти қарзиро дар БМТ талаб менамояд.

2. Вобаста ба ташкил намудани низоми худии баҳодиҳии қарзии БМТ, хавфи сарфа шудани вақти зиёд ҳангоми ҷалб намудани кумаки техникӣ ҷой дорад.

3. Ба имзо расонидани созишномаи СВОП (бо пули миллӣ) бо бонкҳои калонтарини Хитой водор месозад, ки таъсири манфии хавфҳои он ба нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ ва низоми молиявӣ ба инобат гирифта шаванд. Бахусус таъсири натиҷаи он ба баланд шудани сатҳи таваррум ва бадшавии нишондиҳандаҳои бозорӣ мушоҳида мешавад.

4. Номуайянии вазъи иқтисодиёти кишварҳои ҷаҳон ва афзун шудани таҳримҳои иқтисодӣ нисбат ба Федератсияи Русия ба камшавии шумораи муҳоҷирони меҳнатӣ ва ҳаҷми интиқолҳои пулӣ таъсири манфӣ мерасонад. Ин дар навбати худ, ба вазъи молиявии ташкилотҳои қарзӣ, низоми молиявӣ-бонкӣ ва нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодӣ таъсир расонида, эҳтимолияти ба вуҷуд омадани ҳама гуна хавфҳоро афзун мегардонад.

*Замимаи V ба " Нақшаи стратегии самтгардонии*
*фаъолияти Бонки миллии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2019*
*"Сиёсати пулию қарзӣ (монетарӣ)"*

# МАЪЛУМОТИ ТАВЗЕҲОТӢ

оид ба дурнамои нишондиҳандаҳои алоҳидаи макроиқтисодӣ
барои солҳои 2018-2020

Маълумот оид ба дурнамои нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ барои солҳои 2018-2020 дар асоси таҳлилу тадқиқоти сенарияҳои эҳтимолии тағйирёбии вазъи иқтисодиёти дохилию берунӣ пешниҳод гардидааст.

Бояд қайд намуд, ки дурнамои қурби пули миллӣ нисбати асъорҳои хориҷӣ, сатҳи таваррум ва меъёри бозтамвил бо назардошти таъсири омилҳои гуногуни макроиқтисодӣ, молиявӣ, сиёсӣ, берунӣ, мавсимӣ ва интизорӣ ба инобат гирифта шудааст. Дурнамои пешниҳодгардида дараҷаи таъсири хавфҳои зикргардидаро инъикос намуда, аз сенарияи базавӣ то сенарияи нисбӣ ва бадтарини инкишофи вазъи иқтисодиёти дохилию беруниро дар бар мегирад. Тибқи таҳлил ва мушоҳидаҳо рӯйдодҳо дар иқтисодиёти ҷаҳон, ба монанди буҳрони молиявии ҷаҳонӣ (аз ҷумла, дар соли 2009), болоравии нархҳои ҷаҳонии ашёи хом (солҳои 2006 ва 2011), тағйири сиёсати бонки марказии ИМА - Низоми Захиравии Федералӣ (FRS) (аз соли 2014) ва шиддатнокии геосиёсӣ дар Аврупои Шарқӣ (солҳои 2014-2016), таҳримҳои сиёсию иқтисодӣ нисбати Русия аз соли 2015 аз омилҳое буданд, ки ба кам гардидани воруди асъори хориҷӣ (пеш аз ҳама аз ҳисоби маблағҳои интиқолӣ) ва болоравии шадиди он таъсир расониданд.

Дар раванди таҳияи дурнамои қурби пули миллӣ барои солҳои 2018-2020 интизориҳои асосии ба инобат гирифташуда, пеш аз ҳама бо назардошти вобастагии иқтисодиёт аз вазъи берунӣ-иқтисодӣ, нисбатан барқароршавии рушди иқтисодиёти кишварҳои шарикони асосии савдо (алалхусус Русия) ва тағйирёбиҳо дар бозорҳои ҷаҳонии асъор ва маҳсулот, ки дар соли 2017 ва аввали соли 2018 назаррас буданд, алоқаманд аст. Аз омилҳои дохилӣ рушди соҳаҳои иқтисодиёти дохилӣ ва сатҳи талабот, татбиқи сиёсати пайгиронаи макроиқтисодӣ ҷиҳати бартараф намудани номуайянӣ, интизориҳои манфии омма ва нигоҳдории устувории бозори асъори дохилӣ вобастагӣ дорад.

Тибқи пешбиниҳо, дар солҳои оянда раванди амалӣ шудани як қатор созишномаву лоиҳаҳои инвеститсионӣ, бахусус идомаи босуръати сохтмони

иншооти НБО-и "Роғун" ва хизматрасонии маблаги асъории он эҳтимол аст, боиси зиёдшавии талабот ба асъори хориҷӣ гардад, ки ин ба қурби пули миллӣ фишори иловагӣ меоварад.

Ҳамзамон, мувофиқи дурнамои Вазорати рушди иқтисод ва савдо бо дарназардошти бомуваффақият татбиқ гардидани лоиҳаҳои зиёди сармоягузорӣ ба рушди саноат ва инфрасохтори ҷумҳурӣ, аз ҷумла аз ҷониби Хитой, рушди иқтисодиёт дар сатҳи устувор пешбинӣ шудааст. Дар ин ҳолат, болоравии сатҳи даромад ва талаботи аҳолӣ ба афзоиши сатҳи содирот ва воридот мусоидат менамояд. Иҷро гардидани иқдомҳои мазкур вобаста ба вазъи кунунии иқтисодии кишвар хеле муҳим буда, ҷиҳати кам кардани талабот ба доллари ИМА ва паст кардани фишорҳои қурбиву таваррумӣ, барои рушди сармоягузорӣ ва ММД мусоидат хоҳад кард.

Дар ин ҷода омили макроиқтисодӣ ва сатҳи истеҳсолоти дохилӣ, ки дар фарқияти ҳаҷми содироти молу маҳсулот ва воридот, инчунин каср (дефитсит)-и дар тӯли солиёни охир мавҷуда инъикос мегардад, ба сатҳи қурби пули миллӣ таъсири бевосита ва доимии худро мерасонад. Чунки хароҷотҳои савдои хориҷии иқтисодиёти мо аз даромадҳо дида куллан зиёдтар буда, асъори хориҷии ба ҷумҳурӣ воридшаванда асосан барои воридоти молу ашё ва таъмини талаботи аҳолӣ харҷ карда мешавад.

Ғайр аз ин, дар рафти ҳисоби эмпирикии дурнамо раванди бузургии хос – қурби асъор (доллари ИМА) ба инобат гирифта мешавад, зеро динамика (тренди хаттӣ)-и ташаккулёфта дар тӯли таърих аз болоравии он шаҳодат медиҳад.

Дар дурнамои мазкур дар соли 2017 афзоиши ҳаҷми вуруди интиқолҳои пулии шахсони воқеӣ то 20,0 фоиз ба ҳисоб гирифта шудааст. Дар соли 2018 интизории барқароршавии сусти иқтисодиёти ҷаҳон ва рушди иқтисодӣ дар Русия, барқароршавии маҷмӯи талабот, сармоягузориҳо дар бахши хусусӣ ба сатҳи рушди воқеии иқтисодиёти миллӣ таъсири худро мерасонад. Дар солҳои 2018-2020 вобаста ба интизории муътадил шудани вазъи иқтисодии Русия нисбатан муътадил гардидан ва афзоиши вуруди интиқолҳои пулӣ пешбинӣ мегардад.

Дар доираи дурнамо интизор мешавад, ки дар солҳои 2018-2020 намояи нархҳои ҷаҳонии маҳсулоти хӯроквории воридшаванда муътадил боқӣ монда, фишорҳои он ба қурб ва сатҳи нархҳои дохилӣ маҳдуд мемонанд. Тибқи баҳодиҳии коршиносон нархи маҳсулоти ғаллагӣ дар атрофи 180-190 доллари ИМА барои 1 тонна тағйир меёбад. Инчунин, дар давраи миёнамуҳлат нархи ҷаҳонии нафт барои як баррел ба ҳисоби миёна дар атрофи 58 доллари ИМА

тағйир меёбад. Бо дарназардошти ин, дар рафти муайян намудани дурнамо сенарияи нархи аз ин паст ва зиёдтар низ ба инобат гирифта мешавад, ки амалишавии ҳар яки он ба қурби асъор таъсири худро мерасонад. (*Маълумот оиди дурнамои нархҳои ҷаҳонӣ аз ҷониби Бонки Ҷаҳонӣ замима мегардад*).

Аз дигар тараф, тағйир ёфтани мавқеи сиёсати бонки марказии ИМА ва эҳтимолияти боло бардоштани меъёри фоизии ниҳоди мазкур дар соли 2018 низ дар ҳамаи сенарияҳо ба инобат гирифта шуда, дар суръати амалӣ шудан метавонад ба раванди устуворшавии доллари ИМА ва фишорҳои кӯтоҳмуддати қурбӣ таъсир расонад.

Нишондиҳандаи дигари макроиқтисодӣ сатҳи таваррум мебошад, ки тағйирёбии он бештар ба сатҳи пешниҳоду талаботи молу маҳсулот дар иқтисодиёт, бахусус ба маҳсулоти аввалиндараҷаи хӯрокворӣ, нархҳои ҷаҳонии мол ва ашёи хоми ба кишвар воридшаванда, ҳаҷми пул дар муомилоти дохилӣ, рушди иқтисодиёт, вазъи бозорҳои молиявӣ ва иқтисодиёти шарикони асосии савдо ва омилҳои мавсимӣ алоқамандӣ дошта, дар навбати худ то андозае бо қурби пули миллӣ низ алоқамандӣ дорад.

Дурнамои сатҳи таваррум дар давраи мазкур бо назардошти дараҷаи таъсири фишорҳои берунӣ, омилҳои дохилӣ ва мавсимӣ ба ҳисоб гирифта шудааст. Дар ин робита, дар доираи сенарияи базавӣ интизории мӯътадил гардидани фишорҳои берунӣ аз ҳисоби нархҳои ҷаҳонӣ ва барқарорёбии рушди иқтисоди кишварҳои минтақа дар давраи миёнамуҳлат мувозинатии талабот ва таклифотро нигоҳ медорад. Бо вуҷуди ин, дурнамои таваррум дар солҳои 2018-2019 дар доираи сенарияи базавӣ дар сатҳи мӯътадили якрақама 7,0 (+/-2,0 б.ф.) ва солҳои 2020-2021 дар доираи 6,0 (+/-2,0 б.ф.) пешбинӣ мегардад.

Аммо, хавфҳои эҳтимолӣ вобаста ба авҷгирии таҳримҳои иқтисодӣ ва вазъи геосиёсӣ нисбат ба Русия боиси коҳишёбии воруди интиқолҳои пулӣ, афзудани номӯътадилӣ дар бозори дохилии асъор, фишорҳои қурбӣ ва таваррумӣ гардида, ки дар сенарияҳои пессимистӣ ба инобат гирифта мешавад.

Бахри ноилгардӣ ба мақсади ниҳоӣ, яъне мӯътадилии сатҳи нархҳо Бонки миллии Тоҷикистон сиёсати мутавозуни пулию қарзиро ҷиҳати нигоҳдории сатҳи барномавии нишондиҳандаҳои монетарӣ, пеш аз ҳама меъёри бозтамвил ба роҳ мемонад. Бинобар ин, вобаста ба ҷараёнёбии вазъи нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ Бонки миллии Тоҷикистон дар доираи салоҳият тавассути такмил, истифода ва тағйири саривақтии фишангҳои сиёсати монетарӣ, аз ҷумла меъёри бозтамвил, механизми

доимоамалкунандаи шабонарӯзӣ, меъёри захираҳои ҳатмӣ ва амалиёт бо асъори хориҷӣ фишорҳои бардавом ва аз эътидол зиёдро ба сатҳи таваррум ва қурби сомонӣ аз ҳисоби таъсири омилҳои монетарӣ кам хоҳад намуд.

*Замимаи VI ба "Нақшаи стратегии солимгардонии фаъолияти Бонки миллии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2019" "Сиёсати пулию қарзӣ (монетарӣ)"*

**Пешгӯӣ аз рӯи баъзе нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ барои солҳои 2018 - 2020**

| Сол | Нишондиҳанда | Асосӣ | Пешбинии 1 (Муқоисавӣ) | Пешбинии 2 (Манфӣ) |
|---|---|---|---|---|
| 2018 | Таваррум (*бо фоиз, охири давра*) | 7.0 (+/- 2.0) | 5,00 | 8,00 |
| | Қурби сомонӣ (*миёнаи солона*) - нисбат ба долл. ИМА | 9,20 | 9,50 | 9,80 |
| | Меъёри бозтамвил (*бо %, солона, охири давра*) | 11-12 | 10,10 | 14,05 |
| 2019 | Таваррум (*бо фоиз, охири давра*) | 7.0 (+/- 2.0) | 6,40 | 8,30 |
| | Қурби сомонӣ (миёнаи солона) - нисбат ба долл. ИМА | 9,70 | 10,00 | 10,20 |
| | Меъёри бозтамвил (*бо %, солона, охири давра*) | 11-12 | 11,50 | 13,30 |
| 2020 | Таваррум (*бо фоиз, охири давра*) | 6.0 (+/- 2.0) | 5,70 | 7,50 |
| | Қурби сомонӣ (миёнаи солона) - нисбат ба долл. ИМА | 10,20 | 10,50 | 10,70 |
| | Меъёри бозтамвил (*бо %, солона, охири давра*) | 10 - 11 | 10,50 | 12,73 |